Нусха аз Протоколи ҷаласаи
Шӯрои олимони факултети дипломатия ва сиёсат

аз 30 марти соли 2022 №7 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 18 нафар;
Иштирок надоштанд: 3 нафар;

Масъалаҳои ҷорӣ: муҳокимаи рисолаи номзадии муаллими калони кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)"

Маҷлиси Шӯроро раиси Шӯрои олимони факултет Қодирзода Д.С. ифтитоҳ намуда, масъалаҳои рӯзномаро ба овоз монд, ки аъзои Шӯрои олимон оид ба қабули рӯзномаи ҷаласа якдилона овоз доданд.

Аз рӯи масъалаҳои ҷории рӯзнома баррасии пешниҳоди кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ вобаста ба тавсеаи рисолаи номзадии муаллими калон Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таҳия гардидааст, сухан ба унвонҷӯй Маҳмадов И.М. дода шуд.

Унвонҷӯй Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович ба сухан баромада, иборз доштанд, ки дисертатсия дар доираи 2 боб, 7 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт таҳқиқ шудааст. Дар таҳқиқи ин мавзӯъ таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлобро дар солҳои 1924-1991, саҳми табибони хориҷию дохилӣ дар таъсиси муассисҳои тиббӣ, мубориза баҳри бартараф кардани бемориҳои сироятӣ, вазъи солимгардонӣ ва омодакунонии мутахассисон соҳаи тиб дар шароити кунунии минтақаи Кӯлоб, саҳми Шӯрави дар бунёди муассисаҳои тандурустӣ, мубадал гардонидани тибби маҳаллӣ ба тиббӣ замонавӣ ва дигар тадбирҳои беҳдошти тиббу табобатро дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 1924-1991 таҳлилу баррасӣ шудааст. Унвонҷӯй дар баромадаш аз мубрам будани мавзӯи таҳқиқот, сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, услуб ва равишҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти рисола, саҳми шахсии довталаби дар дарёфти дараҷаи илмӣ,

апробатсияи диссертатсияро барраси ва хулоса намуда, ҷиҳати самаранокии натиҷаи кори дисертатсия пешниҳодотҳо намуд.

Дар робита ба баромади унвонҷӯй Маҳмадов И.М. тақризи роҳбари илмӣ н.и.т., дотсент Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович шунида шуд. Зевар Абдураҳмонов дар баромадашон дарҷ намуданд, ки рисолаи дисертант яке аз мавзӯҳои кам омӯхташудаи таърихи Тоҷикистонро дар бар мегирад. Таърихи соҳаи тиб қисми ҷудонашвандаи таърихи ҷомеа маҳсуб ёфта, барои ғани гардонидани таърихи Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Дисертант дар шакли замонавӣ ба роҳ мондани соҳаи тиб, бунёди аввалин беморхонаҳо, таъсиси марказҳо ва амбулаторияҳо, омода кардани мутахассисон, ба тариқи хронологӣ рушд ёфтани соҳаи тиб, нақши сохти Шӯравӣ дар аввалин сохтумони тибби замонавӣ, муайян кардани нақши соҳаи тиб дар пешрафти ҷомеаи таърихӣ, дар мисоли яке аз минтақаи калонтарин вилояти ҷумҳурӣ аз нуқтаи назари мантиқи исбот ва мавриди омӯзиш қарор додааст.

Мақсади асосии кори илмӣ дар он ифода ёфтааст, ки тавасути ин таҳқиқот дар асоси маводҳои бойгонӣ, факту далелҳои таърихӣ, хотираҳои иштирокчиёни фактҳои таърихӣ аз нуқтаи назари илми таърих мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Иброз медорам, ки дисертант мақсад ва вазифаҳои гузоштташудаашро иҷро намуда, барои пешниҳод ба дифоъ сазовор аст.

Пас аз баромади роҳбари илмии унвонҷӯй муқаризи холис номзади илмҳои таърих, дотсент мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ Меърoҷиддини Насриддин баромад намуда, зикр намуд, ки ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар замони муосир, ки пандемия тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии тамоми кишварҳои ҷаҳон гаштааст. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно набуда, Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушду инкишофи ин соҳа ва муассисаҳои он тамоми тадбирҳои бояду шоядро андешида истодааст. Бояд таъкид кард, ки аз соли 1917 то соли 1924 тиб ва муассисаҳои тандурустии тоҷик амалан инкишоф наёфта, муассисаҳои тиббӣ ва кадрҳои тиббӣ қариб вуҷуд надоштанд. Баъзе тадбирҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ ва санитарию зиддиэпидемиявиро танҳо аз ҷониби мутахассисони соҳаи ҳарбӣ мегузарониданд.

Аз ин лиҳоз унвонҷӯй тавонистааст, ки масъулият ва вазифаи худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда то ҳадди имкон ба иҷро расонад. Унвонҷӯ кори илмии худро аз заминаҳои таърихии инкишофи илми тиб, таърихи ташаккули муассисаҳои тиббии Тоҷикистони Шӯравӣ оғоз намуда, баъдан таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ

дар минтақаи Кӯлобро дар даврони Шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қайд кардан бомаврид аст, ки барои Тоҷикистон ташаккули муассисаҳои тиббӣ дар даврони шӯравӣ яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб гардида, он аз ҷониби унвонҷӯ ба таври комил мавриди пажӯҳишу баррасӣ қарор гирифтааст ва нахустин кори илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Маҳмадов И.М. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он ҷанбаҳои илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан масъалагузорӣ шудаанд ва он сазовори баҳои мусбат мебошад. Бояд қайд намуд, ки Маҳмадов И.М. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

Сипас муқарризи холис муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих Маҳмадов Убайдулло Давлатович ба сухан баромада, иброз доштанд, ки мавзӯи пешниҳодшудаи дисертант актуалӣ мебошад ва то имрӯз пурра таҳқиқ нашудааст. Маъмул аст, ки соҳаи тибб қисми муҳими таърихи ҷомеа буда, ҳолати саломатии аҳолиро инъикос мекунад. Мавзӯи мазкур қисми муҳими таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон буда таҳқиқи ин мавзӯъ саҳифаҳои илми таърихи ватаниро ғанӣ мегардонад. Бо туфайли тадқиқоти мазкур саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯи кор оварда шуданд.

Унвонҷӯ муҳимияти илмии мавзӯро чунин инъикос намудааст:

- рушди соҳаи тибб дар мисоли яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил шуда, саҳифаҳои таърихи он дар солҳои 1920-ум, аз ҷумла пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятёбанда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

- мубрамияти рисола дар он дида мешавад, ки дар он таърихи инкишофи соҳаи мавриди омӯзиш қарор гирифта, алоқамандии он аз сохтори сиёсӣ, идорӣ ва алоқамандӣ бо илм нишон дода мешавад;

- дар рисола рушди соҳаи тиб, мушкилот, ҳодисаҳои сиёсии бавуҷудомада ва пайомадҳои он барои соҳа дар мисоли минтақаи Кӯлоб аз нуқтаи назари илмӣ-муқоисавӣ таҳлил гардида, давраҳои инкишофи он нишон дода шудааст;

- омӯзиши мавзӯи мазкур методҳои нави таҳқиқотро пешбинӣ намуда, дар омӯзиши таърихи замони муосири халқи тоҷик саҳми муайян мегузорад.

Мавзӯи мазкур бори нахуст дар шакли кори илмӣ-таҳқиқотии мукамал сурат гирифт, ки ин муҳимияти таҳқиқотӣ ва навгонии онро ташкил медиҳад. Аҳамияти назариявии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки

маълумотҳои таърихӣ доир ба тибби Тоҷикистон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашуданд, ҷамъоварӣ шуда дар шакли рисолаи мукаммали илмӣ ба тасвиб расонида шуд ва тамоми ҷанбаҳои ин мавзӯъ дар асоси далелҳо муайян гардиданд.

Саҳми шахсии довталаб дар он аст, ки ӯ дар давоми тадқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводҳоии муътамад истифода бурда, саҳифаҳои норавшани корнамоиҳои кормандони соҳаи тибби собиқ вилояти Кӯлобро мавриди таҳлил қарор додааст. Муҳим аст, ки дар навбати худ тадқиқотҳои саҳроӣ гузаронида шудаанд ва дар натиҷа факту рақамҳои қаблан номаълум дарёфт гардида дар рисола дарҷ карда шуданд.

Муаллиф ба принсипҳои таърихӣ, муносибати объективонаи таҳқиқот такя намуда, раванди омӯзиши таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро бо далелҳо воқеъбинона мавриди таҳлил қарор додааст.

Муҳокимаи васеъ пас аз баромади муқаризони холис сурат гирифта, Раиси Шӯрои олимони факултет суханронӣ намуд ва аз аъзои Шӯрои олимон хоҳиш намуданд, ки андешаҳои хешро иброз намоянд.

Дар робита ба ин, мудири кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ Ҷобиров Р. суханронӣ намуда, чунин иброз доштанд, ки рисолаи номзадии муаллими калон Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” зери роҳбарии н.и.т., дотсент Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии факултети дипломатия ва сиёсат таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Зикр намуданд, ки мавзӯи аз ҷониби унвонҷӯ Маҳмадов И.М. таҳқиқотшуда, басо актуалӣ буда, дар асоси манобеи муътамад маводҳои бойгонӣ ва осори донишмандону муҳақиқони соҳа бори аввал ба риштаи пажуҳиш кашида шудааст. Анҷом ёфтани кори илмӣ-таҳқиқотӣ боиси зам гардидани саҳафоти ҷадид дар таърихи аҷдоди хоҳад буд.

Дар тақвияти муҳокимаи васеъ узви Шӯро н.и.т., дотсент Бобозода Ф.Т. сухан карда, чунин зикр кард: Таҷрибаи илмӣ нишон медиҳад, ки илми таърих танҳо сиёсати давлатҳоро наомухта, балки инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро, ки омилҳои асосии пешрафти ин ва ё он самти инкишофи давлатро муайян мекунанд, дар бар мегирад.

Таърихи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа мебошад, зеро вай дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, ҳолати саломатии одамон ва сабабҳои афзоиш ва пастшавии аҳолиро таҷассум мекунад. Мавзӯи таърихи соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳимми таърихи тибби Ҷумҳурии

Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзӯъ барои пешрафти илми таърих мусоидат мекунад, зеро дар асоси тадқиқоти мазкур саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯи кор оварда шудаанд. Дар рисолаи мазкур тадқиқоти таърихи соҳаи тибби минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз ҷиҳати хронологӣ давраи солҳои 1924 –1991 яъне то соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Бинобар ин, бо чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дифоъ ба Шӯрои диссертатсионии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Ахмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Сипас, Шӯрои олимони факултети дипломатия ва сиёсат дар натиҷаи баррасии масъалаи ҷории рӯзномаи Шӯро **ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи номзадии муаллими калони кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи номзадии муаллими калони кафедра Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02– таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ пешниҳод карда шавад.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи раиси Шӯрои олимон, декани факултети дипломатия ва сиёсат вогузор карда шавад.

Раиси Шӯрои олимони
факултети дипломатия ва сиёсат
н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С.

ФАКУЛТЕТИ ДИПЛОМАТИЯ ВА СИЁСАТ

Котиб: Иззатуллоева С.С.